# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

### Дар бораи Номгӯйи автомобилҳо, мотосиклҳо, мотороллерҳо, автобусҳо ва механизмҳои дигари худгарди пневматикӣ ва тасмачарх, ҳавопаймоҳо, чархболҳо, локомотивҳои роҳи оҳан, киштиҳои муҳаррикдор, яхтаҳо, киштиҳои бодбонӣ, завраққо, барфгардҳо, чанаҳои муҳаррикдор, обгардҳои муҳаррикдор ва воситаҳои нақлиёти обӣ ва ҳавоии дигар, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб ва (ё) ба қайди давлатӣ гирифта шуда, андозбандӣ мегарданд

Мутобиқи моддаи 358 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Номгӯйи автомобилҳо, мотосиклҳо, мотороллерҳо, автобусҳо ва механизмҳои дигари худгарди пневматикӣ ва тасмачарх, ҳавопаймоҳо, чархболҳо, локомотивҳои роҳи оҳан, киштиҳои муҳаррикдор, яхтаҳо, киштиҳои бодбонӣ, завраққо, барфгардҳо, чанаҳои муҳаррикдор, обгардҳои муҳаррикдор ва воситаҳои нақлиёти обӣ ва ҳавоии дигар, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб ва (ё) ба қайди давлатӣ гирифта шуда, андозбандӣ мегарданд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, № 94 "Дар бораи Номгӯи воситаҳои нақлиёт, мошинаҳо ва механизмҳои худгард, воситаҳои шинокунанда ва локомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб ва (ё) ба қайди давлатӣ гирифта шуда, андозбандӣ мегарданд" аз эътибор соқит дониста шавад.

3. Қарори мазкур **аз 1 январи соли 2022** мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 28 июни соли 2022, № 297

*Замима*
*ба қарори Ҳукумати*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 28 июни соли 2022, №297*

***Номгӯйи***
***автомобилҳо, мотосиклҳо, мотороллерҳо, автобусҳо ва механизмҳои дигари худгарди пневматикӣ ва тасмачарх, ҳавопаймоҳо, чархболҳо, локомотивҳои роҳи оҳан, киштиҳои муҳаррикдор, яхтаҳо, киштиҳои бодбонӣ, завраққо, барфгардҳо, чанаҳои муҳаррикдор, обгардҳои муҳаррикдор ва воситаҳои нақлиёти обӣ ва ҳавоии дигар, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб ва (ё) ба қайди давлатӣ гирифта шуда, андозбандӣ мегарданд***

| ***Р\т*** | ***Рамзи молӣ*** | ***Номгуйи нақлиёт*** | ***Мақомоти ваколатдор*** |
|---|---|---|---|
| *1* | *8601* | *Локомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда, бо қувва аз сарчашмаи берунаи неруи барқ ё аккумулятор* | *Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| *2* | *8602* | *Дигар локомотивҳои роҳи оҳан; локомотивҳои тендер* | *Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| *3* | *8701* | *Тракторҳо, ба истисноi дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда* | *Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| *4* | *8702* | *Воситаҳои нақлиёти муҳаррикдор барои интиқоли 10 одам ё зиёда (автобусҳо) аз ҷумла ронанда таъиншуда* | *Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| *5* | *8703* | *Автомобилҳои сабукрав ва дигар воситаҳои нақлиёти муҳаррикдори асосан барои интиқоли одамон таъиншуда (ба ғайр аз воситаҳои нақлиёти муҳаррикдори мавқеи молии 8702), аз ҷумла автомобилҳои каппадори боркаш ва автомобилҳои пойга, барфгардҳо, чанаҳои муҳаррикдор* | *Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| *6* | *8704* | *Воситаҳои нақлиёти муҳаррикдор барои боркашонӣ* | *Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| *7* | *8705* | *Воситаҳои нақлиёти муҳаррикдори таъиноти махсус ва барои сохтмон, механизмҳои худгарди пневматикӣ ва тасмачарх, ба истисноӣ дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда (масалан, автомобилҳои боркаши садамавӣ, автокранҳо, воситаҳои нақлиёти сӯхторхомӯшкунӣ, мошинҳои бетонтайёркунӣ, автомобилҳо барои тоза кардани роҳҳо, автомобилҳои обёрикунандаи шустушӯӣ, таъмирхонаҳои автомобилӣ, автомобилҳо бо васлкунаки рентгенӣ), ба ғайр аз барои интиқоли мусофирон ва борҳо истифодашаванда* | *Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| *8* | *8711* | *Мотосиклҳо, мотороллерҳо (аз ҷумла мопедҳо) ва дучархаҳо бо васли муҳаррикҳои иловагӣ, бо се чарх ё бе онҳо* | *Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| *9* | *8802* | *Ҳавопаймоҳо, чархболҳо ва воситаҳои нақлиёти ҳавоии дигар* | *Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| *10* | *8901* | *Киштиҳои сайёҳаткунанда, экскурсионӣ, паромҳо, киштиҳои боркашон, баржаҳо ва воситаҳои шинокунандаи монанд барои интиқоли мусофирон ва бор* | *Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| *11* | *8903* | *Завраққо, киштиҳои муҳаррикдор, яхтаҳо, киштиҳои бодбонӣ, обгардҳои муҳаррикдор, воситаҳои шинокунандаи дигар барои истироҳат ва варзиш, завраҳи резинчархамонанд ва каноэ, инчунин воситаҳои нақлиёти обии дигар* | *Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон* |